ПРОТОКОЛИ № 15
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-079
назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

аз 28-уми июни соли 2025 ш.Душанбе

Дар ҷаласа иштирок доштанд:
аз 16 нафар аъзои шуро 14 нафар

Раиси шуро: Дар ҷаласаи имрӯза аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2024, №364 ш/д тасдиқ шудааст, 14 иштирок доранд.

Оид ба кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳодҳо доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба экспертизаи аввалия қабул намудани диссертатсияи Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич дар мавзуи «Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (таҳлили сиёсӣ-иҷтимоӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ.

Баромад намуданд: раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои сиёсӣ Қувватзода С.З., котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои сиёсӣ Сангинов Н.Н. ва аъзои шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои сотсиологӣ Шоисматуллоев Ш., доктори илмҳои фалсафа Худойдодзода Ф.Б.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич дар мавзуи «Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (таҳлили сиёсӣ-иҷтимоӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:

- доктори илмҳои сотсиологӣ Шоисматуллоев Шоназар;

- доктори илмҳои сиёсӣ Муҳаммадзода Парвиз Абдураҳмон;
- доктори илмҳои сиёсӣ Шарифзода Лоҳутӣ Шариф.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. Якдилона қонибдорӣ гардид.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ _____ Кувватзода С.З.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ _____ Сангинов Н.Н.